# ҲИСОБОТ
# оид ба сафари хизматӣ

**Сафар доштанд: Ҷафаров Аҳрор Саидолимович-**
сардори маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ,
Хусанова Тамара- мудири кафедраи забони русӣ ва таълимоти касбӣ
**Макони сафар:** Федетартсияи Руссия, Ҷумҳурии Мордовия, ш. Саранск
**Мӯҳлати сафар:** аз 25.02.2018 то 03.03.2018

Сафари хизматии мо ба шаҳри Сарански Ҷумҳурии Мордовияи Федератсияи Руссия дар асоси даъвати расмии Динишгоҳи давлатии Мордовия дар доираи лоиҳаи “**EXTEND**”-**и барномаи** “**Ерасмус+**”-и Иттиҳоди Аврупо бо розигии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25-уми феврал то 3-юми марти соли 2018 сурат гирифт.

**Мақсади асосии сафар** ширкат намудан дар семинари аввалини муқаддимавии лоиҳа ба шумор мерафт, ки дар он оид ба истифодабарии усулҳои интерактивии фаъолгардонии раванди таълим, воситаҳои айёнӣ, воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва дигар манбаъҳои таъсирбахшанда ба баланд бардоштани сифати тадриси фанҳои муҳандисӣ арзёбӣ гардиданд.

Ҳамчунин, дар давоми сафари корӣ маъалаҳои марбут ба идоракунӣ, танзими сафарҳои хизматӣ, бастани созишномаи грантӣ ва ҳалли масъалаҳои молиявии лоиҳа низ, дида баромада шуданд.

Рӯзи 26-уми феврал ректори **Диношгоҳи давлатии Мордовия Сергей ВДОВИН** бо сухани ифтитоҳии худ ба кори семинар оғоз бахшид ва аз ҷумла иброз намуд, ки лоиҳаи мазкур ба яке аз мушкилоти муҳим ва аввалиндараҷаи системаи таҳсилоти олӣ бахшида шудааст, ки аз натиҷаи амалишавии он ҷонибҳо интизориҳои зиёд доранд.

Баъдан Наталя Салимова ҳамоҳангсози лоиҳа аз донишгоҳи мазкур ҳозиринро хайрамақдам гуфта, барномаи кории семинарро ба ҳозирин муфассал шарҳ дод.

Сипас **Элизабетта Лазаров** ҳамоҳангсози кулли лоиҳа аз **Донишгоҳи техникии Бухарести Руминия** зимни баромади хеш оид ба ташкили **“EXTEND-марказ”-**ҳо дар донишгоҳҳои аъзои лоиҳа ва пешниҳод намудани номгӯи таҷҳизот барои харидорӣ маълумот дод.

Номбурда дар баробари сухани ифтитоҳии худ дар доираи яке аз бастаҳои кории лоиҳа “Таъмини устуворӣ барои таълим ва омӯзиши фанҳо” баромад намуда, аз усулҳои мубодилаи иттилоот ва ғанигардонии якдигарии донишҷӯён дар раванди дарс бо истифода аз мусиқӣ, бо истифода аз бозии “подшиник”, бо тариқи худмуаррифии малакаҳои касбӣ бо истифода аз карточкаҳо бо тариқи муаррифии истеъдод ва қобилияти шахси номаълум тренинг гузаронида самаранокии онҳоро барои иштирокчиён арзёбӣ намуд. Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани самаранокии тадриси фанҳои техникӣ бояд

дар байни донишҷуён хисси рақобат ва ба даст овардани пирӯзиро ба миён оварда, усулҳои гуногун ва фазои муқоисаронии афкор дар аудитория ташкил карда шавад.

Нисбати гузаронидани пурсиш дар байни донишҷуён, аспирантон ва омӯзгорон оид ба муайян намудани ниёзҳо ва сатҳу сифати тадриси фанҳои техникӣ дар донишгоҳҳои аъзои лоиҳа, профессори Донишгоҳи техникии ба номи Н.Э. Бауман шаҳри Москва Елена Смирнова баромад намуда, намунаҳои пурсишномаҳоро барои муҳокима ба иштирокчиён пешбарӣ намуд. Баъди баррасӣ ва муҳокимарониҳо пурсишномаҳо бо мазмуни мушаххас қабул гардиданд ва ҷиҳати коркарди иттилооти ҷаъоваришаванда ба донишгоҳи Давлатии сохтмонии шаҳри Москва супориш дода шуд, ки дар платформаи Google пурсишномаи “online”-и тарҳрезӣ карда шавад.

Таносуби микдории пурсишномаҳо 10%-и шумораи донишҷуён, аспрантон ва омӯзгорон муқаррар гардид.

Рӯзи 27-уми феврали соли 2018 дар рафти кори семинар аз ҷониби шарики лоиҳа донишгоҳи шаҳри Минҳои Португалия Webinar дар мавзуи “Компетенсияҳои касбӣ ва натиҷаҳои таҳсилот” гузаронида шуд. Дар рафти Webinar хусусиятҳои хоси таҳсилот дар Аврупо ва зинаҳои таҳсилот дар системаи Болонӣ ичунин, оид ба давомнокии таҳсил дар зинаҳои бакаллавр, магистр ва PhD маълумот дода шуд.  Ҷиҳати дигаре, ки дар рафти ин Webinar арзёбӣ гардид, ин сохтор ва муҳтавои ҳуҷҷатҳои танзимкунанда ва таъминкунандаи сифати таҳсилот аз қабили стандартҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои мониторинги сифати таҳсилот зарур мегарданд, ба шумор меравand.

Ҳамчунин, рӯзи 1-уми марти соли 2018 мувофиқи нақшаи кори семинар боз аз ҷониби Донишгоҳи шаҳри Минҳои Португалия Webinar дар мавзуи “Арзёбии сифати таҳсилот” гузаронида шуд. Дар навбати аввал аз ҷониби маърӯзачӣ катибае бо гуфтаҳои “Скажи мне оценку своих студентов и я скажу как ты преподаёшь?!” бо усули ҳуҷуми зеҳнӣ муҳокимаронӣ оғоз гардид ва ҳозирин ақидаҳои худро баён сохтанд. Дар ин асно ӯ қайд намуд, ки марҳилаи баҳодиҳии дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯ хеле ҳассос буда, воқеъияти он ба натиҷаҳои таҳсили донишҷу таъсири калон хоҳад расонид. Донишҷуён бояд мунтазам донанд, ки чӣ тавр дониш, маҳорат ва малакаи онҳо баҳогузорӣ шудааст ва онҳо ба чӣ қодиранд? Албатта, ин арзёбӣ ба ҳисси қобилияти ояндасозии онҳо дар доираи ихтисоси интихобнамудааш таъсир расонида, барои ба зинаҳои дигари касбият расиданашон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, омӯзгор зимни тадриси фан бояд ба қобилият ва сатҳи дониши рафти дарсро мувофиқ гардонад вагарна ӯ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил нахоҳад шуд.

Дар рафти сафар мо имкон пайдо намудем, ки бо як қатор донишҷуёни тоҷик, ки дар ин донишгоҳ таҳсил менамоянд вохӯрӣ баргузор намуда, аз рафти таҳсил ва зиндагоашон шиносоӣ пайдо намоем.

**Барномаи маблағгузорӣ**

Тамоми хароҷоти ба сафари мазкур вобаста аз ҳисоби буҷаи лоиҳаи “**EXTEND**”**-и** барномаи “Ерасмус+”-и Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда шуд.

**Расмҳо аз рафти баргузории вохӯрӣ**



Сухани ифтитоҳии ректори **Диношгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри Москва д.и.т., профессор Андрей ВОЛКОВ**



Рафти семинар



Рафти муаррифии дастовардҳои дастаи миллӣ



Боздид аз осорхонаи
Донишгоҳи давлатии Мордовия



Вохӯрӣ бо донишҷӯёни тоҷик
дар Донишгоҳи давлатии Мордовия



Расми гуруҳӣ

***Аҳрор ҶАФАРОВ*** ___________________

***Тамара ХУСАНОВА*** ___________________

*ш. Душанбе, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,*
*5-уми марти соли 2018*